**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д.
«____»__________соли 2025
18. 03. 2025

# ПРОТОКОЛИ №3
## ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 18 марти соли 2025 ш. Душанбе

**Раис: д.и.ҳ. Абдуҷалилов А.А.**
**Котиб: Шарипова М.А.**

**Иштирок карданд:** Мудири шуъба, д.и.ҳ. Абдуҷалилов А.А., сарходимони илмӣ: академик Маҳмудзода М.А., узви вобастаи АМИТ, д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М.З., ходимони пешбари илмӣ: н.и.ҳ., дотсент Шонасридинов Н., ходими илмӣ Абдуманнонзода Б.А., лаборант Шарипова М.А., даъватшудагон: д.и.ҳ. Бобоҷонзода И.Ҳ., н.и.ҳ. Мавлоназарзода О.А.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. **Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи** шуъбаи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

**Роҳбари илмӣ –** Раҳимзода М.З., узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон мебошад.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ шакли иқтисоди бозориро барои худ қабул намуд. Бояд қайд намуд, ки ин гузариш на аз шакли иқтисодиёти анъанавӣ, балки аз тарзи фармонфармоӣ ва моликияти пурраи давлатӣ будани тамоми моликият ва пурра дар дасти давлат будани иқтисодиёт ба амал омад. Ҳамзамон, гузариш

ба иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон бо такя ба таҷрибаи пешқадами кишварҳои мутараққии ҷаҳон ба роҳ монда шуд.

Ҳамин тавр, пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми иқтисоди бозориро пеша намуд. Заминаи ҳуқуқии низоми нави иқтисодӣ тибқи моддаи 12-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст: "Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад". Барои пешрафти иқтисодиёт рақобат ҳамчун асос дониста мешавад. Бинобар ин, таъмини рақобат бояд кафолати давлатӣ бошад. Бояд қайд намуд, ки яке аз монеаҳои таъмини рақобат ин фаъолияти инҳисорӣ мебошад.

Низоми нави қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ инкишоф ёфт. Ҳамрадиф бо расидан ба истиқлолияти давлатӣ, ҷомеаи мо шоҳиди дигаргуниҳои амиқи сиёсӣ ва иқтисодӣ гардид, ки ин раванд ба таври мустақим ба низоми қонунгузорӣ таъсир расонид. Дар ин замина, соҳаҳои нави қонунгузорӣ, аз ҷумла дар самти рақобат ба вуҷуд омаданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории соҳаи рақобат нав бошад ҳам, таъмини ҳуқуқии он ва манъи фаъолияти инҳисорӣ дар дигар давлатҳо хеле пештар пайдо шуда буданд.

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқии Рими қадим оварда шудааст, ки дар он давр муносибатҳои иқтисодӣ бо воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мешуданд. Ҳатто мутафаккири машҳури Рим Папиниан Эмилий менависад: "Ягон касро барои манфиати шахси дигар дар ҳолати ногувор нагузоред". Дар самти пешгирӣ аз фаъолияти инҳисорӣ соли 473 аввалин қонунҳо дар Рими қадим оид ба мубориза бо миёнаравҳои инҳисорӣ ва соли 483 қабули санади меъёрӣ оид ба манъи ҳама гуна фаъолияти инҳисорӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Дар самти пешгирӣ аз фаъолияти инҳисорӣ ва таъмини рақобати солим аввалин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар Амрико соли 1890 бо номи Қонуни Шерман ва дар Олмон соли 1896 бо Қонуни рақобати бевиҷдонона қабул гардидаанд. Қабули ин қонунҳо нуқтаи назари муҳаққиқонро ба омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии таъмини рақобат ва маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ ҷалб намуд. Айни ҳол, дар қисми зиёди давлатҳо дар ин самт қонунҳо қабул гардидаанд, ҳамчунин дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ташкилотҳои махсуси танзимкунанда санадҳои меъёрӣ қабул кардаанд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Мақсади таҳқиқоти илмӣ таҳлили ҳамаҷониба танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол ва хизматрасонӣ аз аҳаммият холӣ набуда, омӯзиш ва таҳқиқи он мубрамияти алоҳидаро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Маҳмудзода М.А., д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Ш.К. ва н.и.ҳ., дотсент Мавлоназарзода О.А. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Пӯлодзода Ш.П. ҷавобҳои мукаммал дод:

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Раҳимзода М.З. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмии Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа, мудири шуъба д.и.ҳ. Абдуҷалилов А.А. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла д.и.ҳ., профессор Маҳмудзода М.А., д.и.ҳ., профессор Ғаюрзода Ш.К. ва н.и.ҳ., дотсент Мавлоназарзода О.А. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 12 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору

хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 18 марти соли 2025, №3 қабул гардидааст.

Хулоса ба овоз монда мешавад: «тарафдор»- 6, «зид»-нест, «бетараф»-нест, хулоса якдилона қабул карда шуд.

**Раиси ҷаласа:**
мудири шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Абдуҷалилов А.А.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти калони шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Шарипова М.А.

Имзоҳои Абдуҷалилов А.А. ва Шарипова М.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ — Абдураҳмонзода Б.А.

«18» 03 соли 2025